БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ ТАҲТИ УНВОНИ “ТАҲКИМИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ”

21 октябри соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши навбатии идоравӣ-сиёсӣ баргузор гардид. Чорабинӣ дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тарбияи насли худшиносу ватандӯст, омӯзиши мероси илмию адабии ниёгон ва таҳкими арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва дар доираи баргузории нақшаи хониши идоравӣ - сиёсии Пажӯҳишгоҳ ташкил карда шуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки тарбияи насли соҳибмаърифат, худшинос ва ватандӯст аз вазифаҳои муҳимми аҳли илму маориф ба шумор рафта, омӯзиши осори мутафаккирони гузашта дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи ҷавонон нақши муассир дорад. Хониши идоравӣ-сиёсиро директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои техникӣ Сироҷиддин Ниёзӣ бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуд. Дар идома Маҳкамов Дастам, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи ««Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ - омили тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагону донишҷӯён» маърӯза намуда, аҳаммияти ғояҳои инсондӯстӣ, некӯкорӣ, донишандӯзӣ ва ахлоқи ҳамидаи дар осори мутафаккир инъикосёфтаро дар тарбияи насли наврас баррасӣ кард. Сипас, Гадоев Идибек, ходими пешбари илмии шуъбаи мазкур, дар мавзуи «Талаботҳои Консепсияи миллии тарбия дар шароити муосири Тоҷикистон дар таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ» суханронӣ намуда, масъалаҳои татбиқи арзишҳои миллӣ, ташаккули худшиносию худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти давлатӣ ва тарбияи ватандӯстиро дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди таҳлил қарор дод. Дар ҷараёни хониш масъалаҳои истифодаи мероси адабию фарҳангии ниёгон ҳамчун воситаи муассири тарбия, таҳкими пайванди арзишҳои миллӣ бо мазмуни таҳсилот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тарбияи байни хонандагон ва донишҷӯён муҳокима гардиданд.